Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи “Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Инкишофи раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа ва мақоми омилҳои таъсиррасон ва хусусиятҳои амали онҳо яке масъалаҳои муҳими пажӯҳишҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҳам аҳамияти илмию назариявӣ ва ҳам амалию сиёсӣ доранд. Бахусус, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи назарфиребии сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеа аҳамияти хосаи илмию амалиро соҳиб аст. Беҳуда нест, ки масъалаи мазкур дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа қарор гирифтааст. Аз ин ҷост, ки таҳқиқ ва натиҷагириҳо аз масъалаҳои гуногуни таъсиррасониҳои назарфиребии сиёсӣ дар раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусиятҳои зуҳури он, моҳият ва шаклгирии он, сатҳи таъсиррасонии он ба дигар падидаю ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун масъалаи рӯзмарра аҳамияти муҳимро касб намудаанд.

Аҳамияти илмӣ-назариявии таҳқиқоти диссертатсионии С.Ҳ. Нуриддинзода дар он ифода меёбад, ки на танҳо самтҳои асосии инкишофи раванди сиёсии Тоҷикистон дар зери таъсири назарфиребии

сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, балки хусусиятҳои зуҳур ва ташаккул, сатҳи таъсиррасонии мухталифи омили мазкур низ баррасӣ гардидаанд. Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ба таври назариявию методологӣ падидаҳою ҳолатҳои асосии зуҳур ва таъсиррасониҳои назарфиребии сиёсиро дар инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди суботи сиёсии он мавриди омӯзиш ва натиҷагириҳо қарор додааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявию методологии мафҳуми "назарфиребии сиёсӣ", "суботи сиёсӣ" ва унсурҳои таркибии онҳо таҳқиқ гардида, тарҳи муносибаҳои мухталифи методологӣ ва хусусиятҳои таркибию фунсионалии он баррасӣ шудаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии С.Ҳ. Нуриддинзода муносибатҳои мутақобилаи байниҳамдигарии назарфиребии сиёсӣ ҳамчун омили таъсиррасон ва суботи сиёсӣ ҳамчун раванди инкишофи ҷомеа муайян гардида, моҳият ва хусусиятҳои инкишофи раванди сиёсии Тоҷикистон дар заминаи рушди мутаносиби  соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки то ба сатҳи рушди мавзуну мутаносиб ворид гаштан Ҷумҳурии Тоҷикистон давраҳои мураккабу пурихтилофи зиддиятҳоро паси сар намуд. Таҷрибаи таърихӣ ва воқеаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки муносибати сатҳӣ ба масъала ва нодида гирифтани он метавонад паёмадҳои ногувореро ба миён орад. Аз ин хотир, муносибат ба масъалаи назарфиребии сиёсӣ ва оқибатҳои эҳтимолии он водор менамояд, ки аҳли ҷомеа ва махсусан, мақомоти мухталифи идораи давлатӣ ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки дар муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ ва тамоми зуҳуроти он омода бошанд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ дар раванди

омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди мутаносиби ҷомеа ва инкишофи ҷомеаи маданӣ истифода намуд.

С.Ҳ. Нуриддинзода масъалаҳои мухталифи назарфиребии сиёсиро таҳқиқ намуда, таъкид месозад, ки давлат ва фаъолони ҷомеаи маданӣ вазифадоранд, ки нагузоранд созмонҳо ва ҳаракатҳои ифротӣ ба назарфиребии сиёсӣ рӯ оварда, аз тамоми воситаҳо ва имкониятҳо, махсусан аз воситаҳои гуногуни технологияҳои муосири таъсиррасон истифода намуда, ҳадафҳо ва ғаразҳои гурӯҳҳои алоҳидаи одамонро ба воқеият табдил диҳанд. Кӯшишҳо ва амалҳое ба харҷ дода шаванд, ки таъсир ва нуфузи нолозими назарфиребии сиёсиро дар фазои сиёсии ҷомеа то ба сатҳи ақаллӣ кам гардонанд.

Автореферати диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, кисматҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва аннотатсия иборат аст.

Дар таҳқиқоти мазкур баъзе мафҳумҳо ба таври нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо ба сифати навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дар автореферати мазкур баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла:

- диссертант бояд ҷойгоҳи назарфиребии сиёсиро ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсӣ ва инкишофи мутаносиби ҷомеа ба таври мушаххас ва бо овардани мисолҳо ва айёниятҳои дигар дар фазои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамуд;

- беҳтар мешуд, ки муаллиф барандагон ва субъектҳои асосии назарфиребии сиёсиро ба сифати омили таъсиррасон дар марҳилаи кунунии инкишофи Тоҷикистон тавсиф менамуд.

Рисолаи диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, баъзе камбудиҳои ҷузъии ҷойдошта арзиши илмии онро паст намегардонад.

Хулоса, кори диссертатсионии С.Ҳ. Нуридинзода дар мавзуи "Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ ____________ Ахиева С.У.

Имзои Ахиева С.У.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ ____________ Мустафозода А.

**Суроғаи муқарриз:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 918-44-01-49; E-mail: milledi200@mail.ru